# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вакт дар таълимоти фалсафаи Ибни Сино » барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа.**

Дар кисмати мукаддимавии автореферат мубрамияти мавзӯи тадкикотӣ, дарачаи омӯзиши мавзӯъ, иртиботи кор бо барномаҳо ва мавзӯҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳкикот, асосҳои назариявӣ ва методологии кор, сарчашмаҳои таҳкикот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд, дарачгардида, барои саҳми шахсии унвончӯ ва аҳаммияти амалии таҳкикот, апробатсия ва сохтори кори диссертатсонӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф мубрамияти мавзӯи тадкикотиро дар кисмати аввали автореферат хеле хуб арзиёби кардааст. Афкори натурфалсафии Ибни Сино, аз як тараф, эҳтиёҷ ба шарҳу тавзеҳоти иловагӣ дорад, аз ин рӯ, таҳлили он имкон медиҳад, ки саҳми мутафаккирони ҷаҳониро дар фаҳмиши моҳияти ҳастии олам, табиат ва инсон муайян намоем, аз тарафи дигар, бо макоми волои фалсафа ҳамчун майдони муборизаҳои ғоявӣ ва табодули афкори халкҳои гуногуни олам аз наздик шинос шавем. (с. 3)

Ба андешаи Калонзода Фаридун Иброҳимпур масъалаи ҳаракат, фазо ва вакт таваҷҷӯҳи инсониятро аз давраҳои кадимтарини таърихӣ ба худ ҷалб намуда, дар ҳама давраҳо бо тарзу роҳҳои гуногун таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Аммо таълимоти пешиниён дар бораи ҳаракат, фазо ва вакт бояд дар партави комёбиҳои илми муосир баррасӣ ва тавсиф дода шаванд. Ҳамчунин мавриди зикри махсус аст, ки Калонзода Фаридуни Иброҳимпур дар таълифи рисолаи худ аз манбаҳои аслӣ ва осори таҳкикотии зиёд истифода намудааст, ки аз вусъати доираи таҳкик ва дониши муаллиф шаҳодат медиҳад. Автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва мӯҳтавои ҳар як масъалаи матраҳ гардида, дар сатҳи баланди илмиву

фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустақилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хосси муаллиф равшан мушоҳида мешаванд.аҳодат медиҳад.

Автореферат чунин бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, хусусияти ҷаддии илмӣ дошта, мантиқан асосноку дурустанд ва вижагиҳои таҳқиқоти гузронидаи муаллифро инъикос мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои диссертант, ки зикр намудем, баъзе масъалаҳое ишора кардан зарур аст, ки баҳстлабанд ва хуб мешуд маврди таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд.

1. Дар автореферат таҳлили муқоисавӣ барои омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар афкор ва осори Ибни Сино ва умумияту фаркияти таълимоти ӯ бо дигар намояндагони мактабҳои фалсафи (машшоияи шарқи Насриддинӣ Тусӣ, исмоилия Носири Хусрав) дида намешавад.
2. Автореферат хатогиҳои зиёди техникию имлоӣ дошта, таҳрирталаб аст.

Ин нуктаҳое, ки гуфта шудаанд, ҳамчун пешниҳод мебошанд ва қимати диссертатсияи Калонзода Фаридуни Иброҳимпурро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд. Мақолаҳо ки диссертант таълиф кардааст, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия доро аҳаммияти илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркадаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 сазовор аст.

**Ходими калони илмии шуъбаи** **Қурбоншоев И Ч**

**таърихи фалсафа Институти**

**фалсафа, сиёсатшиносӣ ва**

**ҳуқуқи ба номи А. Баҳовуддинови**

**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**номзади илмҳои фалсафа**

**Реквизитҳо:**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони А. Рӯдакӣ,33

Тел. Моб +(992) 935676720

Email: ilhom67_67@mail.ru

Имзои номзади илмҳои фалсафа,

Қурбоншоевро тасдиқ менамоям:

Сардори Шуъбаи кадрҳои Институти Кучарова Б.

фалсафа, сиёстшиносӣ ва ҳуқуқи ба

номи А. Баҳовуддинови Академияи

миллии илмҳои Тоҷикистон

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш . Душанбе.

Хиёбони Абуабдулло Рӯдакӣ, 33

ИФСҲ АМИТ

Телефон: (372) 217796

«13» 04 2020